# ТАҚРИЗ

ба диссертатсияи Давлатов Сорбон Назримадович дар мавзӯи «Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ» (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон), барои дарёфти дараҷаи унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент.

Рушди сармояи инсонӣ ҳамеша дар ҳаёти ҷомеаи инсонӣ нақши калидӣ бозидааст, аммо дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт аҳамияти авалиндараҷа доштани он, боз мақоми аслиашро пайдо кардааст. Ҷаҳон ба марҳилаи нави рушди иқтисодиёт ҳаракат мекунад, ки асоси онро сармояи инсонӣ базаи иқтисодии донишҳо (маълумотнокӣ) ва тавонмандии ҳунарӣ, қобилияту истеъдоди созандагии онҳо ташкил менамояд. Ҳама он дигаргуниҳое, ки то имрӯз дар тағйир додани иқтисодиёти ҷаҳонӣ, ташкили бизнес ва идоракунӣ, тарзи ҳаёти одамон, равишҳои таълимӣ, саломатӣ ва фаъолиятҳо дида мешавад, маҳз маҳсули ин захираи нодири иқтисодиёт, яъне иқтидори касбиву ҳунарии инсонӣ ба ҳисоб меравад.

Мавзӯи таҳқиқотии унвонҷӯй низ муҳим ва рӯзмара буда, амалишавии ин таҳқиқот дар рушд ва инкишофёбии иқтисодиёти имрӯза нақши асосиро мебозад ва ҳамчун муҳарики асосӣ дар раванди тезу тунд шудан ва ҳамаруза дигар шудани талаботҳои истеъмолии аҳолӣ, мақоми хосаеро ишғол менамояд.

Дар диссертатсия оиди мафҳуму моҳияти идоракунии захираҳои инсонӣ, хусусиятҳо ва омилҳои таъсирасон ба вазъи омоданамоии мутахассисон, талаботҳои аҳолӣ ва зудтағйирёбии онҳо, омӯзиши ҳолати ҷойдоштаи бозори меҳнат, муайянамоии дараҷаи зисти аҳолӣ, даромаднокии аҳолӣ ва ҳолати воқеии он низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷӯ усулҳои иқтисодии таҳлилро васеъ истифода намудааст, махсусан: тахаюлоти (абстраксия) илмӣ, таҳлил ва синтез, таҳлили маҷмуавӣ ва низомӣ, усулҳои иқтисодӣ-

оморӣ, диаллектикӣ ва моделҳои математикӣ-иқтисодӣ. Инчунин хеле моҳирона бо адабиёти илмӣ доир ба мавзӯи таҳқиқот кор карда, мустақилона далелҳои омориро вобаста ба мақсади таҳқиқот ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлил намудааст.

Дар асоси таҳлили зеҳнии муайяни "сармояи инсонӣ", ки дар адабиёти илмӣ дарҷ гардидааст, унвонҷӯй назари худро муайян намуда дар шакли нақша муфассал ташаккулдиҳӣ ва инкишофи захираҳои инсониро дар идоракунии иқтисодиёти муосир нишон додааст.

Бояд қайд намуд, ки Давлатов С.Н. зарурияти донишомӯзии касбиро, ки бояд ба ҳадафҳои стратегии мамлакат мутобиқ бошад, аҳамияти ҷиддӣ дода, ҳолати динамикии рушди низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таносуби тайёр намудани кадрҳо вобаста ба рушди соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат ва манбаҳои маблағгузории он мавриди таҳлил қарор додааст. Инчунин ҳолати бозори меҳнат, таркиби он, конъюктураи бозори меҳнат, дараҷаи бекорӣ, тақсимоти аҳоли вобаста ба соҳаҳои иқтисодиёт омӯхта шудааст.

Муҳимтарин шароит ва омили рушди инсон ва сармояи инсониро сатҳи даромаднокии аҳолӣ дараҷаи сифати зиндагии аҳолию кормандон ва рушди шарикии иҷтимоӣ ташкил медиҳад, ки дар диссертатсия мавриди таҳлили аниқ қарор гирифта шудааст.

Қайд намудан бо маврид аст, ки унвонҷӯй зарурати ташкили таълимоти бефосиларо дар мамлакат пайваста бо омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ асоснок намуда, алоқамандии диаллектикии талаботҳои инсонӣ, иқтисодӣ ва рушди сармояи инсониро муайян намудааст. Ҳамчунин вобаста ба такмили механизмҳои рушди сармояи инсонӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ унвонҷӯ пешниҳодҳои мушаххас коркард намуда, унсурҳои асосии онро низ пурра гурӯҳбанди намудааст.

Бояд қайд намуд, ки аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқотӣ илмиро метавон дар самаранок истифодабарии захираҳои инсонӣ дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои алоҳидаи он истифода намуд.

Ҳамзамон таҳқиқи сармояи инсонӣ дар низоми омилҳои истеҳсолӣ ва нерӯ гирифтани ин сифат дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ, барои таҳияи консепсия ва равандҳои нави идоракунии сармояи инсонӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр диссертатсияи унвонҷӯй Давлатов Сорбон Назримадович дар мавзӯи «Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ» (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон), кори илмии анҷомёфта буда, бо равишҳои маъмулии илмӣ, дар асоси талаботи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон навишта шуда, барои дарёфти дараҷаи унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент, ҷавобгӯй мебошад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи идоракунии
захираҳои инсонии факултети иқтисод
ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ғаниев Т.Б.

Имзои Ғаниев Т.Б. –ро
тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.